Ба фармоиши Директори
Агентии омори назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 24 июли соли 2013
№ 31 тасдиқ кардааст.

# Дастурамал

оид ба пур кардани хисоботи омори аз руй шакли № 24-энергетика (солона)

Ҳисоботро аз рӯи шакли № 24-энергетика (солона) корхонахо ва шӯъбахои (филиалҳои) онҳо аз рӯи фаъолияти асосӣ ва ғайриасосӣ «Истеҳсолот ва таксими қувваи барқ», инчунин корхонаҳо ва шӯъбахои (филиалҳои) онҳо аз рӯи фаъолияти асосӣ «Саноат», истифодабарандаҳои қувваи барқ пешниҳод мекунанд.

Барои тартиб додани ҳисобот дар бораи кори ингуна корхонаҳои истеҳсолкунандаҳои қувваи барқ ва истифодабарандаҳои қувваи барқ, исгоҳҳои барқӣ, исгоҳҳои хурд (блоки), ширкатҳои тақсимкунанда, шабакаҳои барқӣ ва ғайраҳо (минбаъд, корхона, ташкилот) санадҳои тавлиди қувваи барқ, санади дутарафаи қабулу таслим ва дигар ҳуҷҷатҳо асос шуда метавонанд.

Дар шакли ҳисобот номнависи пурраи корхона, ташкилот ва миқдори қувваи барқи гирифташуда, аз корхонаҳои тартибдиҳандаи ҳисобот, ки қувваи барқ мегиранд,бояд пешниҳод карда шаванд.Ҳисобот бояд мувофиқи нишондоди тарзи пур кардани шакл тартиб дода шавад.

Дар фасли 1 дар сатри 01 дар нишондиҳандаҳои «Қувваи барқ тавлид карда шудааст» дар бораи микдори қувваи барқ, ки корхона (ташкилот) дар соли ҳисобот тавлид кардааст, маълумот оварда мешавад. Ин маълумотҳо бояд бо маълумоти фасли 5 сутуни 3 дар сатри «ҷамбаст»-и шакли нишон додашуда,инчунин бо маълумоти дар бораи истеҳсоли қувваи барқи шакли ҳисоботи № 1-саноат (солона) баробар бошад.

Дар сатри 02 дар бораи миқдори қувваи барқ маълумот оварда мешавад, ки барои эҳтиёҷоти истеҳсолии худи корхона (ташкилот) барои тавлиди қувваи барқ ва гармӣ (мувофиқи феҳрасти унсурҳои харочоти кувваи барк барои эҳтиёҷоти хусусии истгоҳи барқ) сарф кардааст.

Дар сатри 03 аз тарафи корхона миқдори аз чарх содир кардаи қувваи барқ нишон дода мешавад.

Дар сатри 04 дар бораи миқдори қувваи барқ, ки корхона дар давоми сол аз берун аз блокистгоҳ, энергопоездҳо, инчунин аз дигар корхона, ташкилот (аз чумла аз интиқоли транзитӣ) гирифтааст, маълумот оварда мешавад.

Дар ҳисобот тамоми миқдори амалии қувваи барқ, ки аз берун гирифтаасту корхонаи мазкур хориҷ кардааст, нишон дода мешавад. Нишондиҳандаи миқдори қувваи барқи гирифташуда бояд пешакӣ бо ташкилоте, ки аз вай қувваи барқ мехарад, мувофика карда шавад, то ки ин маълумотҳо дар ҳисоботи ин ташкилотҳо якхела бошанд.

Агар корхона мустақиман аз истгоҳ таъмин карда нашуда бошаду ба воситаи ташкилоти хариду фурӯши қувваи барқ таъмин карда шавад (масалан, ба воситаи шабакаи шаҳрӣ, ширкати тақсимкунандаи қувваи барқ ва ғайра), дар он сурат дар ин сатр номи шабакаи харидафурӯши қувваи барқ нишон дода шаванд, на истгоҳи қувваи барқ.

Блокистгоҳе, ки барои шабакаи умумии ноҳия кор мекунад, дар сатри 04 «Аз берун гирифта шудааст» амалан қувваи барқӣ аз истгоҳи барқӣ гирифташуда нишон дода мешавад, на фарқи байни аз истгоҳи қувваи барқ гирифташуда на аз истгоҳ харидашуда.

Ба қувваи барқи истифодашуда ҳамаи миқдори қувваи барқи худи истгоҳи барқи тавлидкарда ва аз берун гирифташуда, бо хориҷ кардани ҳисоби миқдори қувваи барқ, ки ба хориҷ содир карда шудааст мансуб аст. Дар ин маврид ба берун хориҷ кардани қувваи барқ, ба хоҷагӣ ва ташкилоти ғайрисаноатии худ хориҷкарда баробар дониста мешаванд.

Дар сатри 05 тамоми миқдори қувваи барқ, ки ба шабака хориҷ карда шудааст нишон дода мешавад.

Нишондиҳандаи талафот дар шабака (сатри 06) фарқияти байни қувваи барқи ба шабака хориҷ кардашуда (сатри 05) ва миқдори қувваи барқе мебошад, ки барои эҳтиёҷоти истеҳсоли худӣ (сатри 07) ва миқдори фоиданок ба муштариёни қувваи барқ хориҷкардашуда (сатри 08) сарф карда шудааст.

Агар корхона истифодабарандаҳои якчанд вилоятро бо қувваи барқ таъмин кунад, дар он сурат талафоти қувваи барқро дар шабакаҳо (сатри 06) байни вилоятҳо тақсим кардан зарур аст. Дар корхонаҳое, ки дар бораи талафоти кувваи барқ дар шабакаҳои минтақавӣ маълумоти мустақим нест, тақсимотро аз рӯи вилоятҳо ба таври шартӣ миқдори қувваи барқро баробар аз рӯи қувваи барқи ба истифодабарандаҳои вилояти мазкур хориҷкарда тақсим кардан лозим аст. Дар ин маврид миқдори қувваи барқи хориҷ кардашуда бевосита ба шабакаи барқи дигар корхонаҳо ба ҳисоб гирифта намешавад.

Ин маълумотҳо барои тартиб додани баланси (тарози) қувваи барқ аз рӯи вилоятҳо ва ҷумҳурӣ заруранд.

Дар сатрҳои 08-26 тақсимоти фоидаовари қувваи барқи хориҷ кардашуда ба берун, аз рӯи намудҳои фаъолият, сарфи назар аз таърифҳои қабул кардашуда ҳангоми пардохт барои қувваи барқ нишон дода мешавад.

Дар сатри 08 «ба муштариён фоиданок хориҷ карда шудааст» ва дар сатрҳои минбаъда миқдори фоиданоки хориҷкардаи қувваи барқ аз корхонаҳое, ки блокистгоҳ доранд, амалан хориҷшуда ҳамроҳ карда мешавад (на бузургии боқимонда, ки онҳо дар давоми як сол қувваи барқ содир кардаанд) ва ҳамчун маҷмӯи сатрҳои 09-11, 13-16, 20-26 муайян карда мешавад.

Дар сатри 09 «аз корхонаҳои саноатӣ» дар бораи содир намудани қавваи барқ аз корхонаҳо, шӯъбаҳои онҳо, сарфи назар аз бузургии пайваст кардани иқтидорҳо ва зеридораҳо маълумотҳо оварда мешаванд. Ҳамаи қувваи барқи хориҷ карда ба корхонаҳои саноатӣ, барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ, барои рӯшноии биноҳои истеҳсолӣ, барои равшании беруни биноҳо ва ҳудуди корхона, инчунин барои рушноии ғайриистеҳсолӣ, яъне он миқдор қувваи барқ, ки корхонаи саноати ҳаққи барқро пардохт мекунад, ҳамроҳ карда мешавад.

**Эзоҳот.** Ба ин гуруҳ корхонаҳои ёвари саноатии ташкилотҳои ғайрисаноатӣ, яъне корхонаҳои ғайрисаноатие, ки зери идораи сохтмон, корхонаҳои нақлиёту коммуникалӣ, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайраҳо қарор доранд, дохил карда намешаванд. Ин корхонаҳои саноатӣ ба он соҳае дохил карда мешаванд, ки онҳо хизмат мерасонанд.

Дар сатри 10 «ба сохтмон» дар бораи хориҷ кардани қувваи барқ ба ташкилотҳои бинокорӣ ба ҳар хел намудҳои фаъолияти иқтисодӣ (сарфи назар аз бузургии иқтидори пайвастшуда) маълумотҳо оварда мешаванд. Тамоми қувваи барқи хориҷшуда барои

эҳтиёҷоти истеҳсолӣ ва рӯшноӣ чи барои худи сохтмон, чи барои корхонаи ёвари саноатӣ, ки дар зери идораи сохтмон қарор дорад, ҳамроҳ карда мешаванд. **Эзоҳот:** дар ҳолате, ки агар ҳисобу китобро барои қувваи барқу гармӣ барои эҳтиёҷоти сохтмон хориҷшуда (масалан, барои васеъ кардани корхонаи саноатӣ), корхонаи саноатӣ пеш мебарад, ингуна истифодабарандаҳоро ба гурӯҳи, корхонаҳои саноатӣ ҳисоб кардан лозим аст.

Дар сатри 11 «ба нақлиёт» дар бораи хориҷ намудани қувваи барқ ба нақлиёти роҳи оҳан (олоти истеъмоли барқ, рӯшноии роҳи оҳан, саристгоҳҳо (вокзалҳо), устохонаҳо (депоҳо) ва дигар эҳтиёҷоти истгоҳҳи истеъмоли барқ), ба нақлиёти обӣ, ҳавоӣ (майдонҳои ҳавоӣ ва фурудгоҳҳо), ба нақлиёти автомобилӣ (гаражҳо), салронӣ (идораҳои салронӣ, редҳо ва ташкилотҳо оид ба салронӣ, ба корхонаҳои ёвари саноатӣ (масалан, устохонаҳои таъмиргарӣ), ба нақлиёти хизматгузорони роҳи оҳан, обӣ, ҳавоӣ, нақлиёти автомобилӣ маълумотҳо оварда мешаванд.

Дар сатри 13 «ба троллейбусҳо» дар бораи хориҷ намудани қувваи барқ ба олоти истифодабарандаҳои қувваи барқ ба троллейбусҳо: устохонаҳо, паркҳо ва депои троллейбусҳо, истгоҳҳои троллейбусҳо маълумотҳо оварда мешаванд.

Дар сатри 14 «ба қубурҳои магестралии нафтгузар, маҳсулотгузар» дар бораи хориҷ намудани қувваи барқ ба истгоҳи насосӣ, ба нуқтаҳои резиши магистралии қубурҳои нафтгузар (маҳсулотгузар) маълумотҳо оварда мешаванд.

Дар сатри 15 «қубурҳои магистралии газгузар» дар бораи хориҷ намудани қувваи барқ ба истгоҳҳои компрессорӣ, қубурҳои магистрали газгузар маълумотҳо оварда мешаванд.

Дар сатри 16 «ба соҳаи кишоварзӣ» (ҷамъи сатрҳои 17+сатри 18+сатри 19) дар бораи хориҷ намудани қувваи барқ ба истеҳсолкунандаҳои маҳсулоти кишоварзӣ маълумотҳо оварда мешаванд (ба корхонаҳои кишоварзӣ, хоҷагиҳои ёвари истеҳсолии кишоварзӣ дар назди корхонаҳо ва муассисаҳо, ба ҳаргуна корхонаҳои истеҳсолкунандаҳои маҳсулоти кишоварзӣ (ба марказҳои чӯҷабарорию мурғпарварӣ, марказҳои нигоҳубини қуттиҳои замбуриасалпарварӣ, гармхонаҳо, корхона ва хоҷагиҳо оид ба парвариши моҳӣ, марказҳои пиллахушккуни ва ғайраҳо), ба ташкилотҳо оид ба баҳрабардории низомҳои оберӣ ва мелиоративӣ, ба муассисаҳои байторӣ, ба ташкилотҳои оид ба хизматрасонии соҳаи кишоварзӣ (марказҳои оид ба ҳифзи растаниҳо аз касилиҳо ва ҳашароти зараррасон, марказҳои биологӣ, лабараторияҳо), ба хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва дигарҳо маълумотҳо оварда мешаванд.

Аз ҷамъбасти умумӣ хориҷ намудани қувваи барқ ҷудо карда мешавад: барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ (сатри 17), барои рушноӣ ва истеъмолоти маишии аҳолии деҳот (сатри 18), барои корхона ва муассисаҳои алоқа, фарҳанг, тандурустӣ, савдо, хӯроки умумӣ, муассисаҳои давлатӣ, корхонаҳои коммуналӣ, барои қубурҳои обгузар, канализатсия, барои рӯшноии кучаҳои маҳалҳои деҳот ва ғайраҳо (сатри 19).

Дар сатри 20 «барои рӯшноии квартираҳо ва истеъмолоти маишии аҳолии шаҳрҳо ва шаҳракҳои сохти шаҳрӣ» дар бораи хориҷ намудани қувваи барқ ба муштариёне, ки дар шаҳрҳо ва шаҳракҳои сохти шаҳрӣ қарор доранд маълумотҳо оварда мешаванд, дар бораи хориҷ намудани қувваи барқ ба муштариёне, ки дар шаҳрҳо, маҳалҳои навъи шаҳрии коргарӣ, бӯстонсаро ва истироҳатию беҳдоштӣ, ки бевосита бо идораҳои фурӯши қувваи барқ ҳисобу китобро анҷом медиҳанд, маълумотҳо оварда мешаванд.

**Эзоҳот:** дар ҳолате, ки агар ҳисобу китоб барои қувваи энергетикӣ барои рӯшноии шаҳракҳои коргарӣ, заводу фабрикаҳо хориҷ шуда бошаду корхонаи саноатӣ роҳбарӣ

кунад, на хоҷагии коммуналӣ, бевосита ин гуна истеъмолкунандаҳоро ба гурӯҳи «ба корхонаҳои саноатӣ» ҳисоб кардан лозим аст.

Дар сатри 21 «рӯшноикунонии кӯчаҳои шаҳрҳо ва шаҳракҳои навъи шаҳрӣ» дар бораи хориҷ намудани қувваи барқ барои рӯшноикунонии кӯчаҳои шаҳрҳо, шаҳракҳои навъи шаҳрӣ, шаҳракҳои коргарӣ ва бустонсаро, инчунин рекламаҳои бо барқ равшаншуда, навишта шуда маълумотҳо оварда мешаванд.

Дар сатри 22 «қубурҳои обгузари коммуналӣ ва канализатсияҳои шаҳрҳо ва шаҳракҳои навъи шаҳрӣ» дар бораи хориҷ намудани қувваи барқ бо истгоҳҳои насосҳо, қубурҳои обгузари комуналӣ ва сохторҳои канализатсияҳо маълумотҳо оварда мешаванд. Қубурҳои оби саноатӣ дар сатри «саноат» ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Дар сатри 23 «ҳаргуна корхонаҳои комуналии шаҳрҳо ва шаҳракҳои навъи шаҳрӣ» дар бораи хориҷ намудани қувваи барқ ба корхонаҳои ҳаммому ҷомашӯӣ, ба меҳмонхонаҳо, сартарошхонаҳо, идораҳои манзилию баҳрабардорӣ (лифтҳо, идораҳои маъмурӣ, дегхонаҳо ва ғайраҳо маълумотҳо оварда мешаванд.

Дар сатри 24 «ба корхонаю муассисаҳои алоқа, фарҳанг, тандурустӣ, савдо, хӯроки умумӣ, муассисаҳои давлатӣ ва ғайраҳо, ба шаҳрҳо, шаҳракҳои навъи шаҳрӣ» сордир намудани қувваи барқ ба марказҳои (узелҳои) телефону телеграф, радиоузелҳо, истгоҳҳои радиоӣ, марказҳои телевизионӣ, ба институтҳои татқиқотию илмӣ ва лабараторияҳо, мактабҳои олӣ, омӯзишгҳҳои техникӣ, осорхонаҳо, боғчаҳои бачаҳо, кӯдакистонҳо, толорҳо, корхонаҳои намоишдиҳӣ, донишкадаҳои таълимӣ, хонаҳои истироҳатӣ ва санаторияҳо, муассисаҳои давлатӣ, корхонаҳои савдо, фабрикаҳо-ошпазхонаҳо, тарабхонаҳо, ошхонаҳо ва қаҳвахонаҳо, яхдонҳо, комбинатҳои ордбарорӣ, ташкилотҳои маҳсулоттайеркунӣ ва ғайраҳо дар шаҳрҳо ва шаҳракҳои навъи шаҳрӣ нишон дода мешаванд.

Дар ҳисобот амалан миқдори қувваи барқи хориҷ кардашуда ба корхонаҳои харидафурӯш, яъне миқдоре, ки харидафурӯш ба фурӯшандаи қувваи барқ мепардозад бояд нишон дода шавад. Аз ҷумла дар хориҷ намудани харидуфурӯш бояд миқдори қувваи барқе, ки корхонаи ҳисобкунанда барои истемоли қувваи барқ ҳамроҳ карда шавад, на бо фурӯшандаи қувваи барқ, бо хариддафурӯш ҳисоб карда шавад.

Шӯъбаҳои манзилию коммуналии фабрикаю заводҳое, ки танҳо барои рӯшноӣ ва эҳтиёҷоти маишии коргарони шаҳраки худ қувваи баркро мегиранд, ба гурӯҳи «харидафурӯш» набояд дохил карда шаванд, ва онҳо бояд ё ба гурӯҳи равшаникунонии истеъмолоти маиши аҳолии шаҳрҳо ва шаҳракҳои навъи шаҳрӣ ё гурӯҳи «саноат», мувофиқи эзоҳоти нишон додашудаи дастурамали мазкур нисбат ба пур кардани сатри 20-и шакли зикршуда ҳисоб ва мансуб карда шаванд.

Дар сатри 25 «корхонаҳои таъминкунандаи қувваи барқ ба хориҷ содир кардаанд» ҳамаи миқдори қувваи барқ, ки амалан дар як сол корхонаҳои мазкур ба берун хориҷ кардаанд, аз ҷумла интиқоли транзитӣ нишон дода мешавад, на бузургии боқимонда, яъне на фарқи байни доду гирифти миқдорӣ қувваи барқи тарафайн.

Дар ҳолати мавҷуд будани «харидуфурӯшон» хориҷ кардани қувваи барқ ба ташкилотҳои махсус аз рӯи хариди яклухти кувваи барқ ва харидуфурӯши вай ба истеъмолкунандаҳо (масалан, ба шабакаҳои барқии шаҳрии коммуналӣ ва ғайраҳо) нишон дода мешаванд. Дар сатри 26 «эҳтиёҷоти хоҷагии худӣ» рӯшноикунонии биноҳои ғайриистеҳсолии корхонаҳо, инчунин истеъмоли қувваи барқ барои мақсадҳои техникӣ, ки ба тавлиди қувваи барқ ва қувваи гармӣ вобаста нестанд, ҳамроҳ карда мешаванд.

Дар сатри 30 «истеъмолоти қувваи барқ-ҳамагӣ» тамоми истеъмолоти корхонаҳо (ҷамъи сатрҳои 02, 0,7=ҷамъи сатрҳои 31,32,33,34,35) нишон дода мешаванд. Ба истеъмолоти қувваи барқ тамоми миқдори қувваи барқ, ки истгоҳҳои барқии худӣ тавлид кардаанд ва аз берун гирифташуда , бо аз ҳисоб хориҷ кардани миқдори қувваи барқе, ки ба берун хориҷ карда шудааст, таалуқ доранд. Дар ин маврид қувваи барқи ба хоҷагиҳои ғайрисаноати ба берун хориҷ кардашуда ва ба ташкилотҳо хориҷ кардашуда баробар мебошад.

Дар сатри 31 «барои эҳтиёҷоти худи истгоҳи барқӣ» қувваи барқе мансуб аст, ки барои рӯшноии истгоҳи барқӣ, барои кори муҳаррикҳои барқӣ, ки ба истгоҳи худи барқӣ хизмат мерасонанд, истеъмол шудааст.

Дар сатри 32 «бо дастгоҳҳои барқӣ барои ҷараёнҳои технологӣ» миқдори қувваи барқ, ки дастгҳҳои барқӣ барои ҷараёнҳои технологӣ (гудозиши барқӣ, электролиз, кафшери барқӣ ва ғайраҳо) истеъмол карда шудаанд, инъикос кардан лозим аст.

Дар сатри 33 «бо муҳаррикҳои барқӣ барои қувваи муҳаррик» миқдори қувваи барқӣ истеъмолкунандаи ҳамаи муҳарикҳои барқии корхонаро ба истиснои муҳаррикҳои барқӣ, ки ба эҳтиёҷоти худи корхона хизмат мерасонад, нишон додан лозим аст.

Қувваи барқ барои санҷишу озмоиши муҳаррикҳои барқии истеҳсолкардаи корхонаҳо (ё дасгоҳҳои барқӣ) ба ҳаҷми умумии истеъмолоти қувваи барқ, аз он ҷумла барои эҳтиёҷоти технологӣ (ҳангоми санҷишу озмоиши дасгоҳҳои барқӣ) ва қувваи муҳаррикҳо (ҳангоми санҷишу озмоиши муҳарикҳои барқӣ) ҳамроҳ карда мешаванд.

Дар сатри 34 «барои рӯшноии бинои истеҳсолӣ истеъмол карда шудааст» миқдори қувваи барқро, ки барои рӯшноии бинои истеҳсолӣ истеъмол карда шудааст,нишон додан лозим аст.

Сатри 35. Ба талафот дар шабакаҳои завод ғайр аз талафот дар шабакаҳо,талафот дар трансфарматорҳо, асбобҳои росткунак, генераторҳои муҳаррикдор ва дигар сохторҳои тақвияткунандаи қувваи барқ мансуб аст.

Агар дар корхона оид ба ҳисобгирии ҷудогонаи қувваи барқи истеъмолкардашуда барои қувваи муҳаррик , эҳтиёҷоти технологӣ ва рӯшноӣ вуҷуд надошта бошад, дар он сурат қувваи барқи истеъмолшударо аз рӯи қтидори муҳаррик, дастгоҳи равшандиҳанда ва миқдори соати кори онҳо муайян кардан лозим аст.

**Ба он аҳамият додан лозим аст, ки дар шакли 24-энергетика бояд назорати арифметикии зерин риоя карда шавад.**

**Ҷамъбасти даромад (сатри 01+сатри 04)=ҷамъбасти хароҷот (сатри 02+сатри 06+07+08).**

Дар фасли 3 таркиби дасгоҳҳои энергетикии насб кардашуда, ки ҷараёни истеҳсолотро хизмат мерасонанд, дар охири соли ҳисобот инъикос карда мешавад.

Дар сутуни 1 ва 2-фасли 3 дар бораи миқдору иқтидори маҷмӯи ҳар як намуди дасгоҳи барқӣ ( муҳаррики механикӣ, муҳаррики барқӣ, дасгоҳи барқӣ ), ки дар корхона то охири соли ҳисобот насб карда шудааст, маълумот оварда мешавад.

Ҳамаи корхонаҳои саноатӣ, ки дар хоҷагии худ истгоҳи барқи ё дастгоҳи генератори барқӣ доранду барои тавлиди қувваи барқ пешбинӣ шудаанд, новобаста аз иқтидор, аз ҷои насбкардаи дастгоҳ, аз навъи барқ, аз хусусияти истифодаи қувваи барқ, истгоҳи барқии доимӣ насбшуда ё сайёр, коршоям ё бекористода, аз мансубияти истгоҳи барқӣ-бевосита аз они корхона ё барои истифодаи иҷоравӣ фаслро пур мекунанд. Аз рӯи

ҳар як истгоҳи барқии доимӣ насбшуда ё саёйр, ба таври алоҳида маълумотҳо оварда мешаванд.

Иқтидори истгоҳи барқӣ, ки муқарар карда шудааст, бо маҷмӯи иқтидори ҳамаи муҳаррикҳои гузошташудаи аввалия, ки бо генераторҳои барқӣ вобастаанду барои тавлиди қувваи барқ пешбинӣ шудаанд, муайян карда мешаванд. Ба маҷмӯи нишондодашудаи иқтидорҳо иктидори муҳаррикҳои аввалия бо генераторҳои барқии эҳтиёҷоти худи истгоҳҳо, бо истиснои бедоркунандаҳо ва генераторҳои муҳаррикӣ барои батареяҳо-аккумуляторҳо ва дигар истеъмолкунандаҳои барқи собит (доимии) эҳтиёҷоти худи истгоҳ ҳамроҳ карда мешаванд. Иқтидори муқаррар кардашудаи танҳо ҳангоми ҷо ба ҷо кардану кушода гирифтани генератору муҳаррикҳои наву кухна ё ҳангоми арзёбии (аз нав тамғагузорӣ)- генератору муҳаррикҳои амалкунанда ё муҳаррикҳои аввалия бо розигӣ ва иҷозати ташкилотҳои болоӣ, бо тартиб додани ҳуҷҷатҳои дахлдор тағйир ёфта метавонанд.

Дигар ягон сабаб ҳолати генератор, ки барои эҳтиёт ё таъмир қарор дорад, мутобиқ набудани иқтидори генераторҳо бо дигар унсурҳо, ғайр аз муҳаррики аввалия, нишондиҳандаи муқарраршудаи иқтидори истгоҳро тағйир дода наметавонад. Агар истгоҳи барқии ғайрифаъол дар давоми соли ҳисобот бекор истода бошад, дар сутуни 4-и фасли 5 «бекор истодааст» навишта сабабро, нишон додан лозим аст.

Раёсати омори саноат ва инвеститсияхо дар сохтмон.